# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 08.06.2023** **ш. Душанбе**

Суханронии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи **«Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович** ва доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Шамшоди Ҷамшед**, муқарризони ғайрирасмӣ – доктoрони илми филология Муҳриддин Низомӣ, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Ҳабибулло Раҷабов, Абдулҳай Маҳмадаминов ва Умархоҷа Сафаровро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дараҷаи илмии номзади илми филология дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илми филология ба Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ

08.06.2023